ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

ВБД: 331.45 (575.3)
ТКБ: 65.050 (2 Т)
З – 34

***Ба ҳуқуқи дастнавис***

**ЗАРИФЗОДА МОҲИРА ЗАРИФ**

# САМТҲОИ АСОСИИ МУКАММАЛСОЗИИ ТАНЗИМИ МУНОСИБАТҲОИ ИҶТИМОӢ - МЕҲНАТӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА РУШДИ ИҚТИСОДИЁТ (ДАР МИСОЛИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН)

**АВТОРЕФЕРАТИ**

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.14. – Иқтисодиёти меҳнат ва демография

**Душанбе – 2026**

Диссертатсия дар кафедраи иқтисоди милли ва бехатарии иқтисодь факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

| | |
|---|---|
| Роҳбари илмӣ: | Маҷидзода Давлатбахт Маҷид – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректор оид ба корҳои тарбиявии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. |
| Муқарризони расмӣ: | Самандарзода Искандар Ҳусейн - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шотемур |
| | Рустамзода Фитрат Музафар - номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон |
| Муассисаи пешбар: | Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон |

Ҳимояи диссертатсия санаи 12.09.2026, соли 2026, соати $12^{00}$ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон баргузор мегардад. Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½ , бинои асосӣ, ошёнаи 4, толори диссертатсионӣ, почтаи электронӣ: 6D.KOA-012@mail.ru, телефони котиби илмӣ: (+992) 2348434.

Бо диссертатсия ва автореферат дар китобхонаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва тавассути сомонаи www.tguk.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «_____» ____________ соли 2026 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ,**
**н.и.и., дотсент** **Машокиров Ҷ.Н.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Таҳқиқу омӯзиши паёмадҳои ичтимоӣ ва равандҳои иқтисодӣ дар ҳама давру замон бо мақсади дарёфти роҳу воситаҳои қонеъ гардондани талаботи иҷтимоии аъзоёни ҷамъият, ки бе он ҳалли масъалаҳои тараққиёти иқтисодиро таъмин кардан мумкин нест, гузаронида мешуд ва ин раванд ҳамвора давом дорад. Дигаргуниҳое, ки дар ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта дар дохили 15 ҷумҳурии ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ ба амал пайвастанд, ба вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ, саноату кишоварзӣ, маорифу тиб ва умуман кулли самтҳои ҳаёти ин кишварҳо таъсири амиқу зарарӣ ҷиддӣ расониданд ва кишвари мо низ ба ин мушкилот берун намонд.

Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ як қатор кишварҳои собиқи он бӯҳронеро паси сар карданд, ки на танҳо ба иқтисод, балки ба сиёсат, идеология ва фарҳанги рафтори одамон низ таъсир расонда, табақабандии аъзоёни ҷомеаро ба миён овард. Дорои аҳамияти иқтисодӣ будан ва ҳамзамон бешак аҳамияти иҷтимоию сиёсӣ пайдо кардани адолати иҷтимоӣ дар чандин Паёмҳои солонаи Роҳбари давлат таъкид мешавад ва аз ҷумла дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси олӣ, ки соли 2024 ироа гардидааст ва дар ин васила Роҳбари давлат раванди баланд бардоштани сатҳи иҷтимоии аҳолии кишварро чунин изҳор намудаанд: “Тайи даҳ соли охир, яъне дар давраи татбиқи ду барномаи миёнамуҳлати рушди кишвар, ки марҳалаҳои фосилавии иҷрои Стратегияи миллии рушд то соли 2030-ро дар бар мегиранд, ба хотири расидан ба ҳадафҳои стратегӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ бисёр иқдомоти муҳимму самарабахш амалӣ карда шуданд. Дар натиҷа ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ 3,4 баробар зиёд гардида, иқтисоди миллии мо ҳар сол ба ҳисоби миёна 7,6 фоиз афзоиш ёфт” [0].

Иқтисоди бозаргонӣ дар фосилаи начандон зиёд ба аксар самту соҳаҳо таъсири амиқ расонида, умуман, ба маҷрои ҳаёти

ҷомеа тағйироту дигаргуниҳои зиёдеро ворид сохт. Омӯзишу таҳқиқи чунин тағйироту дигаргуниҳои давраи нав аз лиҳози илмӣ мубрамият ва аҳамияти мавзуи мазкур дониста мешавад, ки натиҷаҳояш метавонанд чандин паҳлӯҳои норӯшани мавзуи мазкурро возеҳу рӯшан намоянд.

Диссертатсияи мазкур пеш аз ҳама, дар асоси мавзуи васеи такмилсозии механизмҳои танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯи кор омада, чандин паҳлӯҳои илмии аҳамиятноки назариявию методологиро дар бар мегирад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар доираи адабиёти илмии иқтисодӣ, ҳам дар самтҳои иқтисоди ҷаҳонӣ ва ҳам дар мавқеи илмиии адабиёти иқтисоди ватанӣ даҳҳо диссертатсияву мақола ва асарҳои пурмуҳтавои арзишмандро дучор омадан мумкин аст, ки ба мавзуи танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ, талаботи бозори меҳнат ва иқтисоди бозаргонӣ бахшида шудаанд. Муҳаққиқони зиёде дар доираи омӯзиши мавзӯҳои ба ин самти таҳқиқ нигаронидашуда борҳо гуфтаанд ва ин ҷо ҳам бо зарурат дигарбора ёдрас мешавем, ки моҳияти муносибатҳои бисёрсоҳавии иқтисодӣ - иҷтимоӣ - меҳнатӣ ҳанӯз дар нимаи аввали асри XVI дар асоси назарияҳои илмии як зумра олимони аврупоӣ ошкор гардида, аллакай дар нимаи дуввуми асри XVIII фарогири доираи васеи таҳқиқоти илмӣ раванд ёфта буд. Дар ин марҳила поягузори ин назария асосан меркатилистҳо буданд, ки бо шиори танзими мусоиди тиҷорату савдо баромад мекарданд. Баъдтар, ба ин мавзӯъ, яъне ба назарияи муносибатҳои дугонаи иҷтимоӣ-меҳнатӣ классикони англис Адам Смит ва Давид Рикардо таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, бо далелҳои илмӣ моҳияти масъаларо рӯшан намуданд. Маҳз, дар ҳамин василаи таҳқиқоти онҳо назарияи савдои озод, рақобати бозор (афзалиятҳои шартии мутлақ ва нисбӣ) падид омаданд.

Ҳамин минвол, зина ба зина масоили зиёди ишкишофи муносибатҳои иқтисодӣ - иҷтимоӣ - меҳнатӣ дар таҳқиқоти минбаъдаи дигар низ ба таври васеъ ва бо далеловариҳои амалӣ

мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифта,  ба рушди сиёсати иқтисодиву иҷтимоии кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон заминаи воқеӣ гузоштанд.

Мавриди зикри хос аст, ки такмили рӯзафзуни муносибатҳои иқтисодӣ - иҷтимоӣ - меҳнатӣ ба падидаи ҷаҳонишавӣ алоқамандии сахту ногусастанӣ дорад ва дар ҳамин марҳилаи нав вобаста ба ин мавзӯъ дар доираи илмҳои иқтисодии ҷаҳонӣ таҳқиқоту диссертатсия ва асарҳои илмии зиёде рӯи кор омадаанд. Ин ҷо як нуктаи муҳимро назардошт намудан мебояд, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ на танҳо ҳамарӯза, балки дар ҳар лаҳзаву соат ба соҳаҳои хеле рушдёбандаи иқтисодиёти ҷаҳон, аз ҷумла ба самти муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ тағйироту дигаргуниҳои наву ҷиддӣ ворид мегарданд ва дар муддатҳои на чандон тӯлонӣ аксар кишварҳои ҷаҳонро бо тарзу услубҳои хоси ҷаҳонишавӣ фаро гирифта, ба иқтисоду ҷомеаи кишварҳо таъсиру тағйирот мегузоранд. Вобаста ба ин раванд таҳқиқоту диссертатсияҳои илмӣ низ самтҳои пешрафтаву мақбули ҷомеаи ҷаҳониро мавриди таҳлилу тадқиқ қарор медиҳанд.

Дар бисёр маврид натиҷаҳои бадастовардаи илмӣ барои танзиму инкишофи соҳаҳои иҷтимоии миллӣ мавриди истифода қарор гирифта, дастовардҳои назаррасро дар ин самт созгор мешаванд. Дар доираи танзими муносибатҳои байнидавлатии иқтисодӣ - иҷтимоӣ - меҳнатӣ тадқиқоту диссертатсияҳои илмии соҳавӣ, ки раванду самтҳои мухталифро дар бар мегиранд, нақши муҳим бозида метавонанд. Зеро дар ин васила васеъшавии манфиатҳои сеҷонибаи иқтисодӣ - иҷтимоӣ - меҳнатӣ ба усулҳои муосири танзими муносибатҳои давлатӣ дар ин самт таъсири чашмрас расонида метавонад.

Дар давоми бист соли охир, иқтисодшиносон ва сотсиологҳои кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла олимони кишварҳои гуногун вобаста ба тарҳҳои муосири “марказ - музофот” ва ҳамзамон донишмандону иқтисоддонҳои кишварҳои узви ИДМ Н.П. Пашин Н.П.[0], Б.Г. Збышко [0], Н.Н. Гриценко [0], В.С.

Буланов [0], З.С. Султанов [0], С. Исламов, [0], Т. Назаров [0], Р. Улмасов [0], Х.У. Умаров [0], Д.С. Амонова [0], Р.К. Рахимов [0], А.С. Пигу [0] ва даҳҳо нафарони дигар дар мавриди танзими муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатӣ ба тарзу услубҳои хоси худ чандин диссертатсияву тадқиқот ва мақолаҳои илмӣ қаламдод намуда. самту паҳлӯҳои гуногуни ин мавзуи муҳими илмҳои иқтисодиётро аз лиҳози илмиву таҷрибавӣ рушану возеҳ намуданд.

Дар давоми 50 соли охир, яъне ҳанӯз аз миёнаи солҳои 70-уми асри гузашта дар самтҳои илми иқтисоди ватанӣ масоили мухталифи муносибатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ меҳнатӣ мавриди таҳқиқу омӯзиши як зумра олимони тоҷик қарор гирифтанд. Дар ин раванд аз ҷумла олимони соҳа Н. Қ. Қаюмов [0], А. Қурбонов [0], Р.К. Раҳимов [0], М.Н. Нурмахмадов [0], А. Қувватова [0], И.А. Асроров [0], Ш.С. Мухитдинова [0], Ф.М. Сатторова [0], Т.Н. Назаров [29], Ҳ.У. Умаров [0] ва чандин нафарони дигарро номбар кардан бамаврид аст, ки оид ба ин мавзӯъ дар диссертатсияву мақола ва маводҳои илмиашон назари худро баён доштаанд ва таҳқиқоти назаррасеро анҷом додаанд.

Хоссатан, дар даврони нав, яъне дар замони соҳибистиқлолии кишвар, ки ташаккули муносибатҳои нави бозорӣ маҳз ба ҳамин давра рост меоянд, олимони тоҷик оид ба масъалаҳои мубрами ин мавзӯъ, аниқтараш дар самти таҳлили проблемаҳои бозори меҳнат нақши назаррас гузоштаанд. Дар ин васила диссертатсияву таҳқиқоти олимони ватанӣ Ҳ. Умаров [0], Н. Қаюмов [0], С. Исломов [0], М.Р. Кошонова [0], А. Қувватова [0] , А. Рауфӣ [0], М.Н. Нурмахмадов [0], Р.Н. Саидов [0], Ш.М. Исмоилов [0], М. Кабутов [0], Д.Б. Қодиров [0], Д. Амонова [0], З.З. Нозакзода [0], О.К. Дадоев [0], Ҳ.О. Хушқадамова [0], А.Ш. Ашуров [0], С.М. Ғоибназарзода [0], Ш.М. Мирзозода [0] ва муҳаққиқони дигарро метавон мисол овард.

Дар раванди таҳқиқу омӯзиши диссертатсияи мазкур асарҳои илмиву мақолаҳои олимони номбаршудани хориҷиву

ватанӣ мавриди истифодаи васеъ қарор гирифтаанд. Вале ба ақидаи мо, мавзуи мазкури таҳқиқшаванда, ки хеле доманадор буда, вобаста ба дигаргуншавиҳои самтҳои бозори меҳнат пайваста дар ҳоли тағйиру такмил раванд мегирад, то ҳол ба таври пурра таҳқиқу таҳлил нагардидааст.

Ҷанбаҳои хеле гуногун ва навовариҳои пай дар пайи мавзуи мазкур ҷустуҷӯҳову тадқиқоти нави илмиро барои боз ҳам дақиқсозии усулҳои навтари танзими муносибатҳои иҷтимоӣ меҳнатиро тақозо менамояд ва бо ин назардошт, самти илмӣ ва маврӯзи диссертатсияи мазкур маҳз ба ҳамин раванди илмӣ бахшида мешавад. Дарки тафриқаҳои танзими фаъолияти меҳнатӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ дар доираи иқтисоди миллӣ нисбат ба дигар низомсозиҳои иқтисодӣ дар самтҳои мухталифи иқтисод вижагиҳои хосеро ба миён меорад, ки омӯзишу таҳқиқи онҳо барои илм ва донистани онҳо барои давлату ҷомеа зарурат дорад. Дигар ин, ки ин масъала дар раванди ҳамоҳангшавии кишвар бо иқтисоди бозории сатҳи ҷаҳонӣ аз вуруд ба марҳилаи нави ҷаҳонишавии иқтисодиёт дарак медиҳад.

Бояд гуфт, ки андешаҳои баҳсбарангези олимону коршиносони соҳаҳои иқтисодиёт оид ба масъалаи танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ҳам дар дохил ва ҳам дар хориҷи кишвар хеле зиёданд ва то кунун вобаста ба шароитҳои зудтағйирёбандаи иқтисодиву иҷтимоӣ норавшану баҳсталаб боқӣ мондаанд. Аз ин рӯ, коркарди равандҳои илмии методологӣ, назариявӣ, амалӣ ва таҷрибавӣ барои олимони соҳа дар ин шароит зарур дониста мешавад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзӯъҳои илмӣ** бо дарназардошти ҷанбаҳои хеле мубрами илмию назариявӣ, методологияи олимони ватанию хориҷӣ, санадҳои мунтазам корбурдшавандаи меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои омории Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Вазорати молия, Вазорати иқтисод ва рушди савдо, Вазорати саноат ва технологияҳои навин, Бонки миллӣ, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,

маводҳои хеле фаровони шабакаҳои интернетӣ, маводҳои зарурии ташкилоту созмонҳои байналхалқӣ, тадқиқоти илмии донишгоҳу донишкадаҳои самти иқтисодӣ дар дохилу хориҷи кишвар, Пажӯҳишгоҳи иқтисод ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон рӯи кор омадаанд.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқоти** мавзӯи мазкур таҳия ва баррасии асосҳои назариявию методологӣ, ҳамчунин пешниҳоди тавсияҳои амалии аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда барои навсозии сохтори танзими давлатии муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ мебошад. Чунин ҳадаф ба таъмини чандҷонибаи мувофиқати механизмҳои танзимкунанда дар посух ба равандҳои тағйирёбии иқтисодиёти миллӣ нигаронида мешавад ва дар як вақт самти стратегии мавзӯи интихобшудаи диссертатсияи илмиро инъикос менамояд.

**Вазифаҳои таҳқиқот** дар асоси ҳадафи бамиёнгузошта равандҳои зеринро дар бар мегиранд:

- омӯзишу таҳлили самтҳои тағйирёбандаи муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ дар асоси таҳқиқоти назариявии олимони ватанию хориҷӣ:
- таҳқиқи ҷанбаҳои методологии танзими давлатии муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатӣ дар асоси моделҳои сатҳи ҷаҳонӣ вобаста ба инноватсия ва истифодаи тарҳҳои муосир дар шароити бозори меҳнати дохилӣ;
- ташхиси омилҳои таъсиргузор ба нишондиҳандаҳои гуногуни макроиқтисодӣ бо назардошти низоми муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва асосноккунии фарзияҳои илмии санҷидашуда бо мақсади кам кардани паёмадҳои манфии вазъияти кунунии бозори меҳнат дар Тоыикистон;
- таҳлили муқоисавӣ ва мутобиқсозии таҷрибаҳои муваффақи кишварҳои пешрафта дар танзими муомилаҳои меҳнатӣ бо назардошти хусусиятҳои хос ва имкониятҳои мутобиқшавии муҳити иҷтимоию иқтисодии дохилии кишвар;

- таҳияи асосноки илмӣ барои мушаххас намудани равандҳои афзалиятноки навсозии низоми соҳаҳои иҷтимоию меҳнатӣ, бо мақсади ҳамоҳангсозии параметрҳои дурнамои рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқот** ба самтҳои илмии иқтисодиёти миллӣ вобаста ба танзими давлатии муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ бо назардошти шароити мунтазам тағйирёбандаи равандҳои иқтисодӣ нигаронида шуда, масоили такмили сохтори танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос менамояд.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот** аз лиҳози илмӣ танзимсозии механизми муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатиро вобаста ба сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар гирифта, навовариҳои дар доираи таҳқиқи мавзӯъ бадастомада барои такмили муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ дар василаи иқтисодӣ миллӣ нигаронида шудаанд.

**Усулҳои таҳқиқот.** Усулҳои мухталифе, ки дар ҷараёни таҳқиқ мавриди истифода қарор гирифтаанд, аз доираи васеи усулҳои маъмулӣ, аз қабили таҳлили қиёсӣ, индуксия, таҳлилҳои омориву мантиқӣ, дедуксия, таҳлили монографӣ ва ин амсол иборатанд. Чунин усулҳои истифодагардида барои муайянсозии сабабу натиҷаҳо ва роҳҳои такмили танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ вобаста ба сиёсати давлатӣ дар самтҳои иқтисоди миллӣ нақши калон бозиданд.

**Пойгоҳҳои таҳқиқот** дар асоси ҷанбаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии равандҳои иҷтимоӣ, меҳнатӣ ва иқтисодӣ, иттилоот ва далелҳои ҳуҷҷатии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Вазорати иқтисод ва рушди савдо, маълумоти солонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, иттилооти ташкилоту созмонҳои байналмилалию байнидавлатӣ, маводҳои интернетӣ, хабару мақолаҳои илмии васоити ахбори умум ва нашрияҳои давлатию илмӣ рӯи кор омадааст.

**Сарчашмаи маълумот**. Дар доираи маълумоти дар раванди таҳқиқ истифодагардида сарчашмаи маълумотро доираи қонунгузориҳо дар бозори меҳнат, қарорҳо ва фармонҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ ва меъёрӣ оид ба масъалаҳои идоракунӣ ва рушди бонизоми механизми истифодаи захираҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмӯи нишондиҳандаҳои оморӣ доир ба бозори меҳнати дохилӣ, адабиёти илмӣ ва номгӯи мақолаҳо, ки муаллиф дар натиҷаи таҳқиқот ба чоп расондааст, ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳҳои амалисозии таҳқиқот** вобаста ба натиҷаҳои таҳлилу омӯзиши илмии мавзӯъ вобаста ба назарияҳои иқтисодӣ ва иҷтимоию меҳнатии олимону иқтисодшиносони кишвар ва хориҷ оид ба танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ дар доираи сиёсати давлатӣ фароҳам оварда шудаанд. Муаллифи рисода дар такя ба натиҷаю фарзияҳои илмии олимони соҳа вобаста ба мавзуи мазкур, таваҷҷуҳи асосиро ба низоми тағйирёбандаи бозори меҳнат дар шароити имрӯзаи иқтисоди ҷаҳон равона карда,  дар доираи таҳқиқи мавзӯъ таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ ва иқтисодии муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатиро дар мадди аввал мегузорад, зеро натиҷаҳои тадқиқи мавзӯъ метавонад боиси ҳалли чандин мушкилоту монеаҳои дар шароити имрӯза мавҷудиятдошта гардад.

Вобаста ба ин таъкид медорем, ки дар диссертатсия медологияҳои  умумии илмӣ бо назардошти усулҳои мушаххаси тадқиқотии илмҳои ҷомеашиносӣ, оморӣ, қиёсӣ, функсионалӣ, баҳододи илмӣ ва оянданигарии илмӣ истифода гардида, ҳамзамон дар доираи омӯзишу таҳқиқи бисёр ҷанбаҳои масоили таҳқиқшаванда усулҳои микдорӣ ва сифатӣ низ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Асоси иттилоотию таҷрибавии тадқиқот аз доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин барономаҳои давлатии дарозмуддат ва кӯтоҳмуддат ба даст оварда шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсиониро** таҳлили маҷмӯи таҳаввулоти иқтисоди ҷаҳонӣ ва татбиқи таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ дар доираи танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ бо назардошти хусусиятҳои хоси бозори меҳнати Тоҷикистон дар самтҳои ислоҳоти иқтисодӣ ва бозори меҳнат бо роҳи амалҳои инноватсионӣ фарогир мешавад.Дар шароити шиддат гирифтани равандҳои ҷаҳонишавӣ ва азнавсозии сохтории иқтисоди миллӣ, дастгоҳи консептуалии таҳқиқот унсурҳои зерини навгонии илмиро дар бар мегирад:

- роҳҳои мукаммалсозии танзими давлатии муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатӣ бо назардошти самтҳои корбурди ниҳодҳои марбутаи давлатӣ дар шароити нави дигаргуншавиҳои бозори меҳнат вобаста ба иноватсияи илмӣ ва иқтисодӣ ба ҳадди зарурӣ возеҳ гардиданд;

- бо назардошти мутобиқсозии таҷрибаи байналмилалӣ ва таҳлили сохтории доираи муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатӣ, ҳамчунин санҷиши таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ дар самти танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ, дараҷаи мувофиқати онҳо ба шароити хоси бозори меҳнати Тоҷикистон ба таври возеҳ ошкор гардид. Дар ин росто, аз ҷониби муаллиф маҷмӯи тавсияҳои илман асоснокшуда оид ба татбиқи моделҳои самарабахштарин, ки ба воқеиятҳои институтсионалӣ ва иқтисоди миллӣ созгоранд, пешниҳод гардид.

- моделсозии дурнамо бо тарҳи нақшаи дарозмуддати банизомоварии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ташаккул дода шуда, самтҳои навсозии механизмҳои танзими давлатӣ муайян гардиданд. Моделҳои мазкур ба рушду инкишофи иқтисоди миллӣ мутобиқ гардида, бо талаботи рӯзафзуни бозори меҳнати кишвар дар шароити дигаргуниҳои сохторӣ ҳамоҳанг мебошанд.

- дар доираи баҳисобгирии навсозии институтсионалӣ равандҳои нав ва афзалиятноки механизмҳои бисёрсоҳавии танзими бозори меҳнат ошкор гардиданд. Дар ин васила

пешниҳодоти мазкур ба парадигмаи нави сиёсати давлатӣ асос ёфта, ҷанбаҳои стратегии рушди устувори системаи иқтисоди миллиро ба назар мегиранд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодгардида** нишондоди зеринро дар бар мегиранд:

1. Асосноккунии назариявию методологии механизмҳои танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва такмили чандҷонибаи онҳо дар доираи мутобиқгардонии муносибатҳо ба самтҳои трансформатсионии иқтисоди миллӣ дар доираи таҳқиқоти амалӣ, бо далелҳо исбот гардиданд. Дар доираи таҳлилҳои қиёсӣ мутобиқати рӯйкардҳои консептуалии таҷрибаҳои илмию санҷидашудаи байналмилалӣ бо назардошти хусусиятҳои бозори меҳнати кишвар тасдиқи худро ёфтанд.

2. Баҳодиҳии институтсионалии танзими давлатӣ дар доираи ҳамоҳангӣ бо омилҳои навсозии низоми бисёрҷанбаи муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва талаботи рӯзафзуни бозори дохилии меҳнат муайян шуданд. Мутобиқати барномаҳои татбиқшавандаи давлатӣ ба талаботи бозори меҳнат дар шароити муосир асоснок гардида, имкон фароҳам оварданд, то самаранокии механизмҳои дахолати давлат ба муносибатҳои танзимшавандаи соҳаҳои меҳнат возеҳ гардад.

3. Бо назардошти далелҳои омории даҳ соли охир дар самтҳои иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва назарияҳои илмии пешниҳоднамудаи олимони соҳа дар самти бозори меҳнат равандҳои банизомоварии муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатӣ ба таври возеҳ муайян карда шуданд.

4. Нақш ва таъсиргузории бозорҳои меҳнат барои инкишофи равандҳои иҷтимоӣ дар шароити бозори меҳнати дохилӣ аз дидгоҳи илмӣ, бо истифодаи усулҳои қиёсӣ ва баҳододи натиҷаҳои илмӣ дар ҳадди зарурӣ ошкор гардиданд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии тадқиқот** дар он таҷассум меёбанд, ки натиҷаҳои дар доираи тадқиқи мавзуи диссертатсия бадастомада вобаста ба таҳлилу омӯзиши илмию таҷрибавӣ ва амалию муқоисавии раванди муносибатҳои

иҷтимоӣ-меҳнатӣ, пеш аз ҳама танзими давлатии муносибатҳои мазкур дар шароити тағйирёбандаи бозори меҳнат метавонанд ба таври васеъ дар доираи иқтисоди миллӣ мавриди истифода қарор гиранд. Илова бар ин натиҷаҳои бадастомада ва навигариҳои диссертатсия дар равандҳои мухталифи фаъолияти бозори меҳнат ва дигар самтҳои иқтисоди миллӣ дар сурати таҳия ва қабули ҳуҷҷатҳои дахлдор оид ба муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар шароити Тоҷикистон метавонанд ба таври васеъ корбурд шаванд. Ҳамчунин, маводҳои бадастомадаи таҳқиқи мазкур дар доираҳои омӯзиши илмҳои ҷомеашиносӣ, иқтисоди сиёсӣ, илмҳои демографӣ ва ин амсол дар коллеҷҳо, факултаҳои алоҳидаи мактабҳои олии кишвар ва курсҳои бозомӯзӣ низ истифода шуда метавонанд.

**Дараҷаи эътимоднокии таҳқиқотро** истифодаи васеи усулҳо ва методологияи омӯзишу таҳқиқи масъалаи зикргардида вобаста ба муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, эътимоднокии маводи илмии дар доираи тадқиқот корбурдшуда, ҳаҷми лозимаи маводи илмӣ ва ин амсол ташкил медиҳанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ** дар василаи талаботи шиносномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.14. – Иқтисодиёти меҳнат ва демограия, аз ҷумла бандҳои: 1.1. –Иқтисоди сиёсӣ: сохтор ва қонунҳои инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ; манфиатҳои иқтисодӣ; таомули қувваҳои истеҳсолкунанда, шаклҳои иқтисодӣ, методҳои хоҷагидорӣ ва сохторҳои институтсионалӣ; ташаккули сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоии (стартегия)-и давлат; қонунмандиҳои ҷаҳонишавии иқтисоди байналмилалӣ ва таъсири он ба фаъолияти низомҳои миллӣ-давлатӣ; 1.4. – назарияи иқтисоди тағйирёбанда ва тағйирёбии низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба роҳ монда шудааст.

**Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия** дар интихоби мавзуи таҳқиқ, муайянсозии мақсад ва асосноккунии вазифаҳои таҳқиқи диссертатсия, фарогирию тасниф, муайянсозии

равишҳои назариявию амалии таҳлили танзими давлатии муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ, тавсияҳо ҷиҳати таҳкими танзими давлатии муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ дар шароити муосир ифода меёбад.

**Тасвиб ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар якчанд конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва назариявӣ, симпозиумҳои дохилӣ, конференсияҳои илмӣ-амалии олимони ҷавони Тоҷикистон (2020-2024) муаррифӣ гардида, хуб пазируфта шудаанд.

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Матлабҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсияи илмӣ дар 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйи чоп омадаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** аз муқаддима, се боб, хулоса ва руйхати манбаъҳои илмии истифодашуда иборат буда, тасвирҳо, диаграммаҳо, ҷадвалҳо ва иловаҳои асосиро дар бар мегирад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 181 саҳифаро дар бар мегирад.

## ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ (ФИШУРДА)

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзӯи таҳқиқот ва зарурияти таҷдиди банизомоварии робитаҳои бисёрҷанбаи иҷтимоию меҳнатӣ дар марҳилаи муосир бо муқоисаи давраҳои гузашта баррасӣ гардида, ҳамзамон, ҳадафу вазифаҳои рисола, ҷанбаҳои навгонии илмӣ, заминаҳои назариявию амалии таҳқиқот мушаххас шудаанд ва дар ин асос муқарраротии калидие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд, инъикос ёфтаанд.

**Боби аввали** рисола, ки «Асосҳои назариявӣ ва методологии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ дар заминаи рушди иқтисодӣ» ном дорад, ба омӯзиш ва шарҳу тавзеҳи масъалаҳои бисёрсамти назариявӣ ва методологии фаъолияти бозори меҳнат бахшида шудааст. Дар ин бахш хусусиятҳои низомбандии муносибатҳои меҳнатӣ ва роҳҳои

такмили онҳо дар шароити таҳкими инноватсияҳои илмию иқтисодӣ мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтаанд.

Дар **зербанди якум** - «Бозори меҳнат ва хусусиятҳои танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ» қайд карда мешавад, ки дар равандҳои глобализатсия, бозори меҳнат ҳамчун меҳвари асосии муносибатҳои иҷтимоӣ баромад мекунад. Дар шароити муносибатҳои бозорӣ, ин падида ҳамчун маҷмӯи ҳамкориҳои институтсионалӣ оид ба ҷалб ва истифодаи нирӯи корӣ дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ маънидод мегардад.

Хусусиятҳои асосии бозори меҳнат ин пешниҳоди қувваи корӣ мебошад, ки контингенти аҳолии бекор ва талабот ба кувваи коргарӣ ё кори ғайрирасмиро инъикос мекунанд. Бозори меҳнат метавонад кушода ё пинҳон, яъне ғайрирасмӣ амал намояд.

Ба андешаи муаллиф, мушоҳидаву далелҳои бадастомада собит менамоянд, ки дар марҳилаи навини бозори меҳнат торафт афзудани сафҳои муҳоҷирони меҳнатӣ аз кишварҳои рӯ ба тараққӣ ба кишварҳои нисбатан пешрафта ва тамоман пешрафтаи олам хеле манфиатовару самарабахш буда, дар он доираҳои бозори меҳнат ҷалби корҷӯён бо шуғлҳои мавсимию меҳнати кироя афзалияти бештареро касб кардааст.

Бо вуҷуди ҷиҳатҳои хуб доштани «ҷалби муҳоҷирон дар бозорҳои меҳнат вобаста ба шароити кишварҳо, бозорҳои ғайрирасмии меҳнати кироя, ки онҳоро бозорҳои меҳнати пинҳонӣ низ ном мебаранд, фаъолияти густурда доранд ва аз рӯи далелҳо ин раванд бештар дар кишварҳои пасошӯравӣ, аз ҷумла дар Федератсияи Россия ва Қазоқистон бештар ба мушоҳида мерасанд» [0, с. 54].

Ба андешаи иқтисодшинос ва олими ҳолландӣ Гейн Шредер «дар аввали қарни нав доираи муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатӣ, бо назардошти талаботи иқтисодӣ ва бозори нави меҳнат се марҳиларо аз сар мегузаронанд:

а) марҳилаи аввал - «зинаи асосӣ» дониста мешавад;

б) давраи дуюми амалкунанда тарғибгари далелҳои илмии баъзе иқтисоддонҳои Шарқ мебошад ва он аз иқтисоди классикии Шарқ сарчашма мегирад, ки онро муҳаққиқон шартан «зинаи дуввум» унвон кардаанд.

в) самти сеюм раванди нави муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатӣ дониста шуда, бештар кишварҳоеро фаро мегирад, ки дар онҳо сохторҳои иҷтимоию меҳнатӣ ба куллӣ тағйир ёфтааст. Ин равандро низ шартан «ҷаҳони сеюм» ном мебарем ва гуфта метавонем, ки аксар кишварҳои пасошӯравӣ ба он шомил мегарданд» [0, с. 54].

Бо ин назардошт, метавон гуфт, ки бозори меҳнат ва самтҳои амалкунандаи он аз лиҳози назариявӣ танҳо баамаловаранда ва нигоҳдорандаи мехнизми мувозинати талабот ба меҳнат ва қувваи корӣ набуда, балки зиёда аз он ниҳоди пешбарандаи маҳсуб меёбанд, ки барои муайянсозии сатҳи зиндагӣ, некӯаҳволии аҳолӣ ва адолати иҷтимоӣ накши муҳим бозида метавонанд.

Дар ин росто, ҷанбаҳои калидии бозори меҳнатро дар доираи назариявӣ ба шаклҳои зерин ҷудо намудан имконпазир аст:

**1. Қувваи корӣ - ҳамчун мол:** Баръакси молҳои истеҳсолию истеъмолии дигар, дорандаи ин мол худи коргар ё худ соҳиби мол аст ва аз ин дороии худ ҷудонопазир мебошад.

**2. Танзими давлатӣ:** Ҳамаи самту соҳаҳои бозори меҳнат наметавонанд танҳо дар доираи қонунҳои озод ва дохилии бозор фаъолият дошта бошанд, балки фаъолияти ҳама шакли бозорҳо ба дахолати давлат ниёз доранд, ки он ба ҳифзи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ нигаронида мешавад.

Дар ин асос ба ҷадвали знрин назар мекунем:

**Ҷадвали 1.1**

**Тавсифоти муқаррарии шаклҳои раванди иқтисодии муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ**

| Намунаҳои раванди иқтисодӣ дар муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ | Тавсифоти муқаррарӣ |
|---|---|
| Доираи патерналистии муносибатҳои мавҷуда | Ба низоми муайн даровардани доираи амалкарди иштирокдорони муносибатҳои иҷтимоӣ- меҳнатӣ, танзими давлати ҳамкориҳои онҳо ё муназзамсозии ин раванд аз тарафи роҳбарияти муассиса. |
| Муносибатҳо дар василаи шарикии иҷтимоӣ | Ҳимояи ҳуқуқу манфиати субъектҳои муҳим вобаста ба муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатӣ бо назардошти шароити бозори меҳнат ва ҳамзамон таъмини бартарияти ин муносибатҳо дар доираи афзалиятҳои тарафайн. |
| Муносибатҳои ҳамоҳангӣ дар бозори меҳнат | Ҳамоҳангӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ дар раванди муносибатҳои нек бо кормандон, шахсони алоҳида ва дар ҳолати тағйирёбии муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатӣ риояи талаботи меҳнат дар ростои қабули санаду қарорҳои дахлдор. |
| Муносибатҳо дар василаи кумакҳои моддӣ | Талаботи инсонӣ нисбат ба масъулиятнокии фардӣ барои ҳамвора расидан ба мақсадҳои ниҳоӣ ва доираи амалкард барои ҳаллу дарёфти роҳҳои нисбатан осони масоили иҷтимоӣ. |
| Муносибатҳо бо назардошти маҳдудсозӣ | Аз пеши худ ё дар натиҷаи худхоҳӣ, берун аз риояи қонунгузорӣ маҳдудсозии ҳуқуқу манфиати субъектҳои алоҳида дар доираи муносибатњои иҷтимоӣ - меҳнатӣ, ки метавонанд ба низоми бозори меҳнат халалҳои ҷиддӣ ворид намоянд. |
| Муносибатҳо дар доираи ихтилофҳо | Барҳам задани низоъҳо, баҳсҳои бепоя, коршинании ноҷо ва ин амсол дар доираи муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатӣ. |

*Таҳияи муаллиф дар асоси шаклгирии равандҳои иқтисодӣ дар доираи муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатӣ (Вобаста бо далелҳои сомонаи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон)*

Нишондоди кӯтоҳи ҷадвал ишора бар он дорад, ки мафҳуми шуғл, ки инъикосгари доираи фаъолияти бозори

меҳнат мебошад, хеле васеъ арзёбӣ гардида, раванди меҳнат ва даромадро ифода мекунад.

Ҳамин тариқ, муаллиф хулоса мекунад, ки дар шароити ҷаҳонишавии босуръати ҷараёнҳои низоми иқтисодию иҷтимоӣ ва аз ҷумла муносибатҳои фаъоли иҷтимоӣ - меҳнатӣ дар давоми 50 соли охир ва хосатан дар давраи пошхӯрии давлати Шӯравӣ ва падид омадани марҳилаҳои нави иқтисодиву иҷтимоӣ ва меҳнатӣ дар байни кишварҳои собиқ Шӯравӣ ва аз ҷумла Тоҷикистон дигаргуниҳо ба вуҷуд омада, доираҳои васеи иқтисоду сиёсати пӯшидаи иҷтимоӣ ва меҳнатиро бозкушоӣ намуданд.

**Зербоби дуюми боби якум - "Паҳлӯҳои назариявию методологии муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатӣ"** мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дар он аз ҷумла омадааст, ки ҳанӯз дар солҳои 30-юми асри XIX низоми ягонаи бозори меҳнат дар баъзе кишварҳои пешрафтаи олам ба назар мерасид ва ин раванди муҳими иқтисодиву иҷтимоӣ пеш аз ҳама барои ба даст овардани рӯзгори солим тавассути меҳнати босамар нигаронида мешуд. Танҳо ин ҷараёни тозаи иқтисодиву иҷтимоӣ ва меҳнатӣ дар ин давра тавонист тарҳи наву боманфиати муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатиро ба вуҷуд оварад.

Ба андешаи муаллиф, яке аз хусусиятҳои давраи гузариш пас аз пошхӯрии давлати Шӯравӣ дар самти иқтисодиёт номуайян раванд гирифтани муносибатҳои иҷтимоӣ меҳнатӣ буд. Зеро дар даҳсолаи аввали ин давра дар чаҳорчӯбаи бозори меҳнат ҳанӯз ин шакли муносибатҳо низоми муайяни худро пайдо накарда, ба танзими давлатӣ ниёз доштанд. Яке аз сабабҳои ин номуайянӣ ва номураттабӣ дар тафриқаи калони муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатии замони гузашта дар даврони Шӯравӣ ва замони нав аст. Дар зинаҳои ибтидои соҳибистиқлолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз механизмҳои мукаммал барои танзими муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатӣ ба пуррагӣ мавҷуд набуданд.

Бо дарназардошти ин, метавон гуфт, ки муносибатҳои мазкур ба ду раванди зерини мавҷуда ҷудо мешаванд:

1) Муносибатҳои ҳуқуқӣ дар доираи равандҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ. Чунин тарзи муносибатҳо аслан ба қонунгузориҳои дохилии кишварҳо ва қонунгузориҳои сатҳи байналмилалӣ нигаронида шудаанд.

2) Муносибатҳои воқеӣ дар доираи равандҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ. Ин шакли муносибатҳо дар асоси субъектҳои иқтисодӣ ва объективияти воқеӣ амал мекунанд.

Аз ибтидои асри нав то имрӯз мавзӯҳои асосии таҳқиқот бештар ба самтҳои зерини таҳқиқ нигаронида шуда буданд:

**1. Масъалаҳои шуғли аҳолӣ ва бекорӣ:** Дар мақола ва рисолаҳои илмию таҳқиқотии як қатор олимони ватанӣ, аз ҷумла Раҳимов Р.К. [0], Қаюмов Н.Қ. [0], Нурмаҳмадов М.Н. [0], Кабутов М. [0], Раҷабов О.Ч. [0], Саидов Р.Н. [0], Гадоев А.Д. [0] ва Юсуфбеков Ю.Р. [0] масъалаҳои зиёди самту соҳаҳои бозори меҳнат мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Аксари муаллифон бозори меҳнати дохилиро бо сабаби болоравии сатҳи демографӣ ва дигар омилҳои таъсиргузор барои пешниҳоди ҷойҳои кории мувофиқ нокифоя донистa, дар навбати худ ҳар кадоме барои ҳалли ин масъала андешаҳои илмӣ пешкаш намудаанд.

**2. Танзими давлатии бозори меҳнат:** Донишмандони соҳа Қаюмов Н.Қ. [0], Назаров Т.Н. [0], Раҳимов Р.К. [0], Исломов С.И. [0],, Исмоилов Ш.М. [0] ва чандин нафарони дигар дар мақолаву таҳқиқоти илмиашон нақши давлатро дар самти банизомоварии муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатӣ ба таври равшан инъикос намудаанд. Дар баробари возеҳ намудани масъалаи мазкур олимони номбурда ҳамчунин пешниҳод намудаанд, ки барои коҳиш додани сатҳи бекорӣ ва паст намудани шиддати иҷтимоӣ, давлат бояд барномаҳои хосаи шуғли аҳолиро таҳия намуда, ҳамчун дастурамал ба ниҳодҳои марбутаи давлатӣ пешкаш кунад.

**3. Ташаккули муносибатҳои нави меҳнатӣ:** Масъалаи муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва ташаккули бозори меҳнати дохилию беруна дар шароити ҷаҳонишавӣ аз тарафи олимони ватанӣ Қурбонов А. [0], Кошонова М.Р. [0], Қурбонов Н.Х. [0], Назаров Т. [0] ва муҳаққиқони дигар таҳқиқ гардидааст.

Ҳамчунин, дар ин фасли рисола якчанд нишондоди муҳим ҳамчун омили асосии муаянкунандаи муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнати мавриди тавзеҳ қарор гирифтаанд, ки **ҳамдигарфаҳмӣ ё ҳамоҳангӣ** дар муносибатҳои меҳнатӣ, **патернализми иқтисодӣ**, **субсидиария**, **шарикии иҷтимоӣ**, **ихтилофот ё бархурдҳо** дар доираи муносибатҳо, ҳамчунин **табъиз ё маҳдудсозӣ** дар бозори меҳнат аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

**Зербоби сеюм - “Банизомоварии раванди муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатӣ вобаста ба инноватсияи илмӣ ва иқтисодӣ”** мавриди таҳқиқи муаллифи рисола қарор гирифта, дар он ёдрас мешавад, ки навовариҳо ё худ инноватсияи илмӣ ва иқтисодӣ яке аз пураҳамияттарин ва асоситарин падидаҳои илмии замони нав маҳсуб меёбад, ки ҳамвораи ҳамаи самту соҳаҳои иқтисодиётро фарогир аст.

Ба ақидаи А.С. Есипов: «дар бисёре аз кишварҳои рӯ ба тараққии ҷаҳон шаклҳои инноватсионии муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ таҳқиқ, арзёбӣ ва институтсионалӣ карда мешаванд. Дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ва аз ҷумла Тоҷикистон рушди ин масъала нисбатан ба наздикӣ оғоз ёфт ва сохтори муассисаҳои танзимкунандаи онҳо ба қадри кофӣ инкишоф наёфтааст». [0, с. 23]

Дар доираи таҳқиқ муаллифи дигар Наумов С.Ю. далел меоварад, ки нерӯи инсонӣ яке аз шаклҳои сармояи умумӣ аст ва ба ақидаи коршиносон “сармояи умумӣ захираи иқтисодие дониста мешавад аз такрористеҳсол ва арзиши молу маҳсулот вобаста ба табдили мутақобилаи шаклу намудҳои гуногуни сармоя вобастагӣ дошта метавонад” [0, с. 138].

Дар робита ба гуфтаҳои боло, метавонем якчанд моделҳои барои бозори меҳнати Тоҷикистон мусоидро баррасӣ намоем:

**а) Модели Скандинавигӣ (Дания, Шветсия):** Бояд гуфт, ки ин моделро дар илми иқтисод “чандирии амниятӣ” низ меноманд ва мувофиқи нишондоди он корфармо метавонад кормандро бо тартиби соддакардашуда ба кор қабул намояд ё баръакс аз кор озод кунад. Дар чунин ҳолатҳо давлат барои дастгирии корманди бекормонда кумакпулӣ ва бозомӯзии касбиро дар самтҳои инноватсионӣ ташкил мекунад.

**б) Модели Осиёи Шарқӣ (Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ):** Ҳарчанд айни замон истифодаи ин модел дар кишвари мо то андозае мураккабиҳо дошта бошад ҳам, бо назардошти ҳолатҳои зудтағйирёбандаи иқтисоди ҷаҳонӣ ва талаботи бозори меҳнат гуфта метавонем, ки истифодаи ин модел дар самти бозори дохилӣ ва доираи иқтисоди миллӣ ногузир аст.

**в) Модели Олмон:** Ин модел ба низоми "дуалии" омӯзиши тахассус ва касб нигаронида шуда, робитаҳои байни илм, истеҳсолот ва бозори меҳнатро фаро мегирад.

Ҳамин минвол, метавон хулоса намуд, ки назарияи иқтисодии инноватсияи иҷтимоӣ имкон фароҳам меоварад, ки дар шароити Тоҷикистон зиндагии шоистаи аҳолӣ баланд бардошта шавад. Ин натиҷаҳои бадастомада бозгӯи онанд, ки идоракунии сарватҳои меҳнатӣ дар иқтисодиёти кишвар аз ривоҷёбии инноватсияи иҷтимоӣ вобастагии калон дорад.

Ташаккули иҷтимоӣ, рушди иқтисодӣ ва истифодаи нерӯи инсонӣ аз ҷанбаҳои асосие мебошанд, ки барои пешрафт ва низоми бозори меҳнат ва ҳамзамон танзими муносибатҳои иҷтимоӣ меҳнатӣ нақши калидӣ мебозанд. Маҳз таҳқиқу омӯзиши ҳамин се ҷанбаи аслӣ дар умум муайянсозӣ, ошкор намудан ва ба даст овардани фарзияҳои муътамади илмию амалӣ, махсусан дар самту соҳаҳои иқтисодиёти ватанӣ хеле муҳим ва саривақтӣ дониста мешавад.

**Боби дуюми** таҳқиқот, ки **“Ҳолати муосир ва самтҳои рушди муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии**

**Тоҷикистон**” номгузорӣ шудааст, таҳлили фарогир ва баҳодиҳии раванди таҳаввули иҷтимоиро дар доираи низоми муносибатҳои меҳнатӣ фаро мегирад. Дар боби мазкур омилҳои ба истеҳсолот ва бозори меҳнат таъсиркунанда дар асоси муносибатҳои нави иҷтимоӣ - меҳнатӣ таҳқиқ гардида, ҳамзамон ҷанбаҳои татбиқи таҷрибаи байналмилалӣ дар танзими ин соҳа ва имконияти мутобиқсозии он ба воқеиятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудаанд.

Дар **зербоби аввал**, ки таҳти унвони **“Таҳлил ва баҳодиҳии динамикаи рушди муҳити иҷтимоӣ ҳамчун омили ташаккули муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”** ифода ёфтааст, муаллиф доираи мавзӯи таҳқиқшавандаро чунин шарҳ додааст, ки дар шароити имрӯзаи кишвари мо ҳадафи аслии бозори меҳнати муосир ва дар ин васила танзимсозии муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатӣ бо ҳамин роҳ муайяну ошкор карда мешаванд. Бояд гуфт, ки дар сурати ошкор ва муайян гардидани ҳадафу вазифаҳои зикргардида ҳолати кунунии захираҳои меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аниқ карда мешавад ва ин ба раванди пешбурди иқтисодиёти кишвар таъсири нишонрас расонида метавонад.

Дар бозори меҳнати дохилӣ доираи имкониятҳо вобаста ба минтақаҳои гуногуни кишвар тақсимоти нобаробар доранд. Аз рӯи нишондиҳандаҳои оморӣ, «танҳо дар нимаи аввали соли 2021 шумораи аҳолии қобили меҳнат дар минтақаи калонтарини кишвар - вилояти хатлон ба 1902,5 ҳазор нафар расидааст, ки ин 56,8 фоизи шумораи умумии аҳолиро ташкил медихад. Агар афзоиши аҳолӣ дар солҳои 2018—2019 76,3 ҳазор нафар ё 2,4 фоиз бошад, пас афзоиши аҳолии қобили меҳнат 38,2 ҳазор нафар ё 2 фоизро ташкил медиҳад» [0, с.61].

Дарки муҳити иҷтимоӣ ва маҷмӯи шароитҳои дарбаргирандаи ин муҳит ба ҳама маълум аст ва тартиби рушду инкишофи ин муҳит ҳамвора ба доираи муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатӣ таъсири амиқ расонида, сатҳи зиндагии мардумро бозгӯ мекунад.

Ҷараёни инкишоф ва самти пешрафти равандҳои иҷтимоии солҳои охир дар кишвар бозгӯи онанд, ки дар муддати ду даҳсола рушди тамоюли зерини иқтисодӣ назаррас арзёбӣ мегарданд:

**- паст шудани сатҳи камбизоатӣ:** Агар поин омадани сатҳи камбизоатиро дар давоми бештар аз бист соли охир дар сатҳи ҷумҳурӣ ба инобат гирем, аз рӯи омори расмӣ метавон гуфт, ки дар ме муддат сатҳи камбизоатӣ аз 80% то ~21% поин омадааст ва ин нишондиҳанда тавонистааст воруди муҳити иҷтимоиро ба муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатии замонавӣ таъмин намояд.

Бо ин назардошт, метавон гуфт, ки динамикаи рушди иҷтимоӣ дар шароити кишвари мо хусусиятҳои баробар дошта наметавонад ва маҳз ҳамин нобаробарӣ сабабгори ба вуҷуд омадани моделҳои гуногуни муносибатҳои -иҷтимоӣ - меҳнатӣ дар минтақаҳои мамлакат шуда метавонад:

Масалан, агар дар шаҳри Душанбе, бо назардошти фарогир будани доираи васеи муносибатҳои меҳнатии инноватсионӣ сатҳи баланди шуғли расмӣ ва музди меҳнат ба мушоҳида расад, дар маркази вилояти Суғд - шаҳри Хуҷанд ва ноҳияҳои гирду атрофи он дар сатҳи миёна қарор дорад. Бо вуҷуди ин, дар навоҳии атрофи шаҳри Хуҷанд муҳити фаъоли соҳибкорӣ ва саноатӣ ба мушоҳида мерасад ва дар ин минтақа доираи муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатӣ асосан дар фароҳамсозии шарикии иҷтимоӣ шакл мегирад.

Дар минтақаи калонтарини ҷумҳурӣ - вилояти Хатлон бошад, ҳанӯз муҳити аграрӣ - саноатӣ ба мушоҳида мерасад, ки он фарогири шуғли мавсимӣ аст ва ҳамчунин метавонад шуғли ғайрирасмиро ба вуҷуд оварад.

Ҳамчунин, дар минтақаи Бадахшони кӯҳӣ ва баъзе ноҳияҳои тобеи марказ бо сабаби мушкилоти ҷуғрофӣ ва ниҳоят кам будани ҷойҳои кории доимӣ сатҳи баланди муҳоҷирати меҳнатӣ ба назар мерасад, ки ин омил нишондиҳандаи вобаста

будани муҳити иҷтимоиро аз маблағҳои интиқолёфтаи муҳоҷирони меҳнатӣ равшан месозад.

Дар василаи натиҷабардорӣ аз мавзӯи мазкур метавон хулоса намуд, ки дар шароити иқтисоди бозории навтаъсис, муносибатҳои меҳнатӣ дар ҷумҳурӣ тадриҷан ба сатҳи танзими муосир наздик мешаванд. Ислоҳоти қонунгузорӣ, таҷдиди назар дар сиёсати шуғл, роҳандозии барномаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва рушди таъминоти нафақавӣ нишон медиҳад, ки танзими муносибатҳои меҳнатӣ дар самти баланд бардоштани ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ мебарад.

**Зербоби дуюм**, ки **“Ҳолати имрӯзаи раванди банизомоварии муносибатҳои иқтимоӣ-меҳнатӣ ва таъсири омилҳои иқтисодӣ ба рушди ин муносибатҳо”** унвон шудааст, бозгӯ месозад, ки мутобиқати муносибатҳои бозорӣ ба талаботи муосир боиси некӯаҳволии хонадонҳои кишвар, муътадил гардидани музди меҳнат, ризоият ва риояи шартномаи корӣ, истеҳсолоти босамар, ба бозорҳои истеъмолии кишвар ворид гардидани маҳсулоти босифату рақобатпазири ватанӣ, пешрафти соҳаҳои илм, мактабу маориф, тиббу фарҳанг ва умуман ҳамаи равандҳои ҳаёт мегардад.

Бо ин назардошт, дар Паёми солонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соли 2016 таъкид шудааст, ки: «барои ба таври чашмрас таъмин намудани дараҷаҳои рушди бонизом дар саросари кишвар, бомаром тақвият бахшидани арзишҳои миллӣ ҳам аз лиҳози иқтисодӣ ва ҳам дар доираи нақшаҳои давлатӣ таъмин намудани зиндагии мардум дар марҳилаҳои наздиктарин соли 2016 Барномаи давлатии «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» қабул гардид». [0]

Ба гуфтаи муаллиф, дар кишвари мо дар ҳамон давраҳо аз тарафи Давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои боз ҳам такмилу беҳбудӣ бахшидани бозори меҳнати дохилӣ тадбирҳои зерин рӯи кор омаданд:

1. Давра ба давра боло бурдани музди меҳнат, идрорпулӣ ва нафақа барои таъмини даромади аҳолӣ;

2. Баланд бардоштани шароити меҳнат, ҳуқуқ ва вазифаҳои кормандони касбу кори гуногун ва фарогирии як қисми қобили меҳнат бо шуғли доимӣ ва мавсимӣ;

3. Ташкили курсҳои кутоҳмуддат барои тайёр намудани соҳибкабон, ҳамчунин курҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисос;

4. Дар ҳамаи равандҳои истеҳсолоти ватанӣ ва муассисаву ташкилоти хусусиву давлатӣ пурра ва саривақи ба низоми муайян овардани қоидаҳои умумии меҳнат.

Вобаста ба масоили дар боло зикргардида мебояд гуфт, ки муҳити кориро омилҳое фарогир мешаванд, то ба рушди бонизоми муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатӣ таъсир расонида ё халал ворид месозанд ва ё баръакс рушди ин муносибатҳоро суръат мебахшанд. Ба ин раванд пеш аз ҳама омилҳои моддӣ, равонӣ, ташкилӣ ва иҷтимоӣ дохил мешаванд ва дар ин васила ҳангоми гурӯҳбандии омилҳои таъсиргузор онҳоро ба се гурӯҳи асосӣ ҷудо намудем:

**А) Омилҳои ташкилӣ ва технологӣ:**

**а) сатҳи автоматикунонии истеҳсолот:** Далелу мушоҳидаҳои тадқиқотӣ ошкор намуданд, ки дар аксар корхонаҳои шакли наву муосири кишвар истифодаи дурусти технологияҳои нави сатҳи ҷаҳонӣ талаботи кориро ба донишу малакаи кормандон хеле тағйир дода, доираи муносибатҳои меҳнатиро аз "меҳнати ҷисмонӣ" ба "назорати техникӣ" табдил додааст.

**б) бехатарии меҳнат:** Дар муҳити кории бехатар доираи муносибатҳои меҳнатӣ ба низом меоянд ва риояи техникаи бехатарӣ ба пешбурди кор заминаи боэътимод мегузорад.

**Б) Омилҳои иқтисодӣ ва ҳавасмандгардонӣ:**

**а) ба низом овардани музди меҳнат:** Ҳам ҳаҷми маош аз рӯи тарофаҳои муайяни меҳнатӣ ва ҳам шаффофияти пардохти он боиси мукамамалшавии доираи муносибатҳои ҳуқуқӣ мегардад.

**б) имтиёзҳои ичтимоӣ:** Пешниҳод намудани мукофотҳои пулию молӣ, ёрдампулиҳо, суғуртаҳои ичтимоӣ ва ин амсол дар корхона боиси баланд гардидани муносибатҳои самимии байни корманду корфармо гардида, доираи муносибатҳои ичтимоӣ - меҳнатиро тақвият мебахшад.

**В) Омилҳои равонӣ ва фарҳанги роҳбарӣ:**

**а) услуби роҳбарӣ:** Сарварӣ ё роҳбарӣ намудани коргоҳу корхона бо услуби шафоф, боварибахш ва самимонаву шарикӣ доираи муносибатҳои меҳнатӣ ва ичтимоиро муназзам сохта, самтту сифати корро босамар мегардонад.

**б) муҳити ахлоқӣ:** Дар ҳама ҳолатҳои корӣ пешгири намудани низоъҳоҷои дохилӣ дар муҳити корӣ, беғараз ва сидқан амал намудан, эҳтироми тарафайн ва ин қабил рафтор боиси тақвияти муносибатҳои ичтимоӣ - меҳнатӣ гардида, ҳамзамон суръату сифати корро тақвият мебахшад.

Ҳамин тариқ, дар доираи таҳқиқи мавзуи фасли мазкур ба қадри тавон барои пешгирии монеаҳо ва такмил додани муносибатҳои ичтимоӣ-меҳнатӣ тавсияҳо рӯи кор омаданд.

**Зербоби сеюм - "Истифодаи таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон дар рушли иқтисоди миллӣ ва танзими муносибатҳои ичтимоӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон"**, таъкид месозад, ки дар кишварҳои дорои иқтисоди пешрафта пажӯҳишгоҳҳои гуногун дар ташаккул ва рушди муносибатҳои ичтимоию меҳнатӣ накши бузург бозида метавонанд.

Дар доираи интихоби моделҳои бештар афзалиятнок зарур мешуморем то баъзе хусусиятҳои хоси онҳоро ба қадри имкон таҳлил намоем:

**1. Модели англо-саксонӣ (ИМА, Британия):** Ҳарчанд ин модел дар аксар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон маъмулан истифода шавад ҳам, бо доштани хусусиятҳои хоси худ, аз қабили бозори озоди меҳнат ва дахолати ниҳоят ками ниҳодҳои давлатӣ ба ҷомеаи мо созгор буда наметавонад, зеро дар ин ҷода доираи муносибатҳои ичтимоӣ - меҳнатӣ асосан бо иштироки

корманд-корфармо матраҳ мегарданд ва ба танзими давлатии муносибатҳо монеа эҷод карда метавонанд. Аз ин лиҳоз, метавон гуфт, ки барои кишвари мо истифодаи ин модел дар асоси мавҷудияти эҳтимолии сатҳи баланди нобаробарии иҷтимоӣ мавриди қабул буда наметавонад.

**2. Модели сотсиал-демократӣ (Скандинавия):** Дар доираи талаботи ин модел дахолати давлат ба бозори меҳнати дохили афзалияти бештар дошта, кафолатҳои иҷтимоӣ низ назардошт гардидаанд. Аммо барои истифодаи ин модел аз рӯи талабот маблағгузориҳои калони буҷавӣ нақш бозида метавонанд. Ба андешаи мо, эҳтимолан, дар даҳсолаи минбаъда ин модел дар бозори меҳнати кишвари мо мавриди истифода қарор гирад.

**3. Модели корпоративӣ (Ҷопон):** Бояд гуфт, ки доираи талаботи ин модел, ки бештар шарикии иҷтимоии байни корманду корфарморо дар бар мегирад, ба шароити бозори меҳнати кишварҳои рӯ ба рушд, аз ҷумла Тоҷикистон мувофиқ буда метавонад. Дар ростои талаботи ин модели пешрафта доираи муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатӣ дар асоси садоқат ба ширкат дар дохили корпоратсияҳо тарҳрезӣ шудаанд ва гумон мекунем, ки ин талабот барои кишвари мо мувофиқи мақсад аст.

**4. Модели континенталӣ (Олмон, Фаронса):** Бо назардошти он, ки модели мазкур аз низоми устувори шарикии иҷтимоӣ ва нақши марказии иттифоқҳои касаба бо иттиҳодияҳои корфармоён иборат аст, истифодааш аз чанд ҷиҳат барои кишвари мо муфид дониста мешавад:

**А) Таҷрибаи "Модели Дуалии" Олмон:** Аз рӯи таҷриба ин модел барои омодасозии мутахассисони дорои ихтисоси баланд ва қобилияти корӣ накши муҳим дошта метавонад. Зеро тавре, ки ин модел талаб мекунад, бояд муносибатҳои меҳнатӣ ҳанӯз аз давраи таҳсил дар синфҳои болоии мактабҳо ё коллеҷу литсейҳо оғоз шаванд. Масалан, дар кишвари Олмон донишомӯзон дар коллеҷҳо таҳсил намуда, пас аз дарсҳо дар корхона аз рӯи тахассус кор меомӯзанд.

Бартарият ё аҳамияти истифодаи ин модел дар он зоҳир мегардад, ки кишвари мо захираҳои бузурги нерӯҳои қобили меҳнат аз ҳисоби ҷавонон дорад ва мутобиқсозӣ ба ин модел шароит фароҳам меоварад, то соҳибкорон дар тарбияи кадрҳои ҷавони соҳибтахассус иштирок намуда, саҳм дошта бошанд.

Дар ҷадвали зерин нишондиҳандаҳои бартариятдоштаи мутобиқсозӣ тариқи муқоисавӣ оварда шудааст:

**Ҷадвали 2.2**

**Нишондиҳандаҳои самаранокии мутобиқсозӣ**

| Унсури таҷрибаи хориҷӣ | Номгӯи давлатҳо | Ҳадафи мутобиқсозӣ дар ҶТ | Натиҷаи интизорӣ |
|---|---|---|---|
| **Таҳсилоти дуалӣ** | Олмон | Пайванди илм бо истеҳсолот | Кам шудани бекории ҷавонон |
| **Трипартизм (Шарикии сеҷониба)** | Фаронса | Муколамаи давлат, бизнес ва иттифоқҳо | Коҳиши низоъҳои меҳнатӣ |
| **Ҷандирии бозори меҳнат** | Дания | Қонунигардонии шуғли фосилавӣ | Рушди иқтисоди рақамӣ |
| **Сармоягузорӣ барои рушди нерӯи инсонӣ** | Кореяи Ҷанубӣ | Бозомӯзии мунтазами кадрҳо | Боло рафтани ҳосилнокии меҳнат |

*Таҳияи муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои самараноки мутобиқсозии модели кишварҳои пешрафта.*

Аз рӯи нишондоди ҷадвал ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар ин росто бартарияти бештарро дар шароити бозори меҳнати дохилии кишвари мо ҳамон моделе соҳиб мешавад, ки

низоми "иқтисоди милии иҷтимоӣ"-ро бо "иқтисоди миллии инноватсионӣ" ҳамоҳанг карда тавонад. Аз ин рӯ, барои бозори меҳнати дохилии кишвари мо мутобиқсозии модели Сотсиал-саноатӣ аз ҳама бештару беҳтар афзалият дорад. Яъне, бо татбиқи ин модел нищодщои марбутаи давлатӣ на танҳо назораткунанда, балки зиёда аз он ҳамчун кафили боэътимоди рушди бозори меҳнат накш бозида метавонанд.

Ҳамин минвол, бо назардошти омилҳои муҳими дар боло зикргардида метавон хулоса кард, ки доираи муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар василаи омӯзишу таҳлили фарогир ва баҳодиҳии динамикаи рушди муҳити иҷтимоӣ пурра гардидаанд.

**Боби сеюми рисола “Дурнамои танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар бозори меҳнат ва нақши он дар рушди иқтисодиёти миллӣ”** номгузорӣ шуда, чандин масоили муҳими дар зер ишорагардидаро мавриди таҳқиқ қарор додааст.

**Дар зербоби аввали рисола - “Роҳҳои мукаммалсозии моделҳои муосири танзими муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатӣ дар шароити бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон”** аз ҷумла қайд гардидааст, ки раванди пуртаъсири ҷаҳонишавии самтҳои иқтисодиёт дар марҳилаи нав ба соҳаҳои ҳаёт дигаргуниҳои азим оварда, ҳамвора бо ин суръати пешрафт нокифоягии раванди технологияи муосирро ошкор месозад ва зарурати таваҷҷӯҳи бештар ба муносибатҳои иҷтимоию меҳнатиро нишон медиҳад. Бо ин назардошт метавон гуфт, ки модели нави ба низом овардани муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ маҳз дар ҳамин шароити ҷаҳонишавӣ ба вуҷуд меояд.

Вобаста ба ташаккули равандҳои меҳнатӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади татбиқи самараноки ваколатҳои «ҳифзи ҳуқуку манфиатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоию меҳнатии меҳнаткашон, мутобиқи қонунҳои акмалкунанда ва санадҳои қабулгардида кишвар, ҳамчунин Оинномаи наву тарҳрезишудаи бозори дохилии меҳнат ва мутобиқсозии он бо талаботи ҳуқуқии самту соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ба талаботи

меъёрҳои қабулгардида, марҳилаҳои нави рушд ва ин амсол ба таври зайл муайян гардидааст»: [0]

- ба низом овардани меҳнат дар асоси қонунгузориҳои меҳнат аз тарафи ниҳодҳои марбутаи давлатӣ;

- ҳамоҳангии коргарону меҳнаткашони корхонаю ташкилот ва муассисаҳо бо ниҳодҳои назоратии давлатӣ ва вазорату идораҳои марбутаи соҳавӣ.

Дар ин васила дар таҳрири нави боби якуми Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд гардидааст, ки: «доираи муносибатҳои бисёрҷанбаи иқтисодӣ ва меҳнатӣ аз равандҳои муносибати байниҳамдигарии шахси коргар ва муассиси корхона ё корфармо бармеояд, ки ҳуқуқу манфиатҳои тарафайнро инъикос намуда, ӯҳдадориҳои бисёрҷонибаи Кодекси меҳнат ва санадҳои дигари меъёрию ҳуқуқии дар доираи қонунгузориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳиягардида, ҳамчунин созишномаву шартномаи меҳнатӣ, коллективӣ, гурӯҳӣ, меҳнати кироя ва ин амсолро дар бар мегирад». [0]

Дар ин васила метавонем якчанд пешниҳодҳои аҳамиятнокро ин ҷо дарҷ намоем:

